Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14, www.tgfeu.tj.)

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Намозализода Шафқат Намозалӣ дар мавзуи “Ташаккул ва рушди корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ (дар маводи минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон)”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ пешниҳод шудааст.**

Дар шароити ноустувории иқтисоди ҷаҳон ва сар задани ҷангҳои иқтисодӣ байни кишварҳои пешсафи олам, масъалаи таъмини амнияти озуқаворӣ барои кишварҳои мухталиф аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон нуқтаи муҳим арзёбӣ мегардад. Бинобар ин, дар чунин шароит тавсеа додани истеҳсоли маҳсулот аз ҷониби корхонаҳои агросаноатӣ мубрамтарин омил ҷиҳати таъмини аҳолӣ бо маводи озуқавории худӣ арзёбӣ мегардад.

Аз автореферат бармеояд, ки муаллиф дар рисолаи таҳқиқотиаш ба масъалаи таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти агросаноатии ватанӣ аҳамияти ҷиддӣ дода, иброз доштааст, ки дар СМР Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 дар мавриди минтақаҳои кишвар ва рушди мутавозини онҳо бахши алоҳида ҷудо гардидааст, ки дар ин ҳуҷҷати муҳим самти калидии сиёсати минтақавии давлатӣ ин беҳтаргардонии сатҳи худтаъминии аҳолии манотиқи кишвар бо маҳсулоти озуқавории худӣ ва ташкили ҷойҳои нави корӣ барои аҳолии деҳот маҳсуб меёбад. Ҳамчунин, маълум аст, ки рисолаи диссертатсионӣ дорои мақсад ва вазифа буда, объект ва мавзуи таҳқиқотӣ, пойгоҳ ва навгониҳо ба таври комил мушаххас карда шудаанд.

Муаллиф дар таҳқиқоташ ҷанбаҳои назариявию услубӣ оид ба ташаккул ва рушди корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ифшо намуда, хусусиятҳо ва ошкорсозии омилҳои ба таври мустақим ва ғайримустақим ба рушди корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ таъсирасонро муайян ва асоснок намудааст. Дар рафти таҳиқиқот муаллиф таҷрибаи кишварҳои дорои сектори аграрӣ ва КАС-и пешсаф дар самти коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзиро мавриди омӯзиш қарор дода, ҷанбаҳои самараноку муҳими фаъолияти онҳо ва имконоти дар амал татбиқ намудани таҷрибаи хориҷиро дар сатҳи КАС-и Ҷумҳурии Тоҷикистон ва манотиқи он муайян

намудааст. Инчунин, дар рафти таҳқиқот аз тарафи муаллиф вазъи воқеии нерӯи истеҳсоли ашёи хоми кишоварзӣ ва иқтидорҳои соҳаи саноати коркарди маҳсулоти кишоварзии ҷумҳурӣ, аз ҷумла минтақаи агросаноатии Кӯлоби вилояти Хатлон арзёбӣ гардидааст.

Дар умум метавон қайд намуд, ки рисолаи таҳқиқотии Намозализода Шафқат Намозалӣ бо як тарзу услуби хоса ва бо назардошти талаботҳои мавҷуда мавриди омода ва баҳрадорӣ қарор дода шуда, муаллиф ба таври комил андеша ва назароти худро пешниҳод намудааст. Ҳамзамон, аз автореферат бармеояд, ки дар кори диссертатсионӣ камбудиҳое ба назар мерасанд, ки хусусияти тавсиявӣ дошта, ба инобат гирифтани онҳо метавонанд сифати рисолаи таҳқиқотиро боз беҳтар намояд.

1. Ифшои умқтари аҳамияти иҷтимоӣ-иқтисодии ташаккули корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ;

2. Возеҳтарнамоии андешаҳои муаллиф ҷиҳати пешниҳоди имтиёзҳои мухталиф баҳри тавсеа ва рушди ин бахши иқтисодии кишвар.

Дар умум, аз автореферати рисолаи илмӣ бармеояд, ки диссертатсияи тақризшаванда дар мавзуи "Ташаккул ва рушди корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ (дар маводи минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон)" аз рӯйи натиҷаҳои илмӣ ба бандҳои Шиносномаи феҳрасти ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат мекунад ва муаллифи он - Намозализода Шафқат Намозалӣ арзандаи дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ мебошад.

Тақризнавис:
декани факултети иқтисодиёти
рақамӣ ва зеҳни сунъии Донишкадаи
технология ва менеҷменти инноватсионӣ
дар шаҳри Кӯлоб, н.и.и., и.в. дотсент — Асоев Б.Х.

Асоев Баҳодур Хайридинович
Тел.: (+992) 985-24-70-82
E-mail: asoev_86@bk.ru

Имзои Асоев Б.Х.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва коргузории
Донишкадаи технология ва менеҷменти
инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб — Шокиров Қ.Б.
"05" 04 2024.